АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 2 (32) 26 марти соли 2021, ҷумъа
(Оғози нашр: соли 2017)

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ НАВРӮЗ



**Ҳамватанони азиз!**

Хурду бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз ҳамчун бузургтарин ойини мардумӣ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он то ба имрӯз, ки таърихи беш аз шаш ҳазор солро дар бар мегирад, ҳамчун рамзи сари сол, яъне айёми баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими кишту кор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон ҷашн гирифта мешавад.

Ҳамчунин, ҷашни Наврӯз барои мо – тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад.

Мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодиву нишот иборат буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст.

Зеро ин ҷашн ба қалби хурду бузург сурури шодӣ мебахшад, тамоми афроди ҷомеаро сарҷамъ месозад ва кулли мардумро ба дӯстиву самимият ва меҳру муҳаббати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар фаро мехонад.

Маҳз бо ҳамин сабаб ин падидаи асили фарҳангӣ ҳаргиз кӯҳнашавиро намепазирад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати мардуми мо боқӣ мемонад.

Ҳарчанд ки дар давраҳои гуногуни таърихи ташаккули худ ин ҷашн таҳти таъсири монеаву маҳдудиятҳои зиёд қарор гирифтааст, вале бинобар асолати табиӣ, арзишу аҳаммияти ҷовидонаи мардумӣ ва фалсафаи нерӯманд доштанаш зиндаву поянда монда, то замони мо расидааст.

Дар ҷаҳонбинии ниёгони мо Наврӯз таҷассуми пирӯзии нур бар зулмот, гармӣ бар сардӣ ва хубӣ бар бадӣ мебошад. Ва табиист, ки чунин суннати пурарзиши табиӣ ва инсондӯстонаву хайрхоҳона ба ҳеҷ гуна маҳдудият тобеъ намегардад.

Қобили зикр аст, ки ҳавзаи тамаддунии Наврӯз дар тӯли таърихи дуру дарози мавҷудияти он қаламрави минтақаҳои мухталифро фаро гирифта, фарҳанги халқу миллатҳои гуногуни оламро рангорангу ғанӣ гардонидааст.

Ва беҳуда нест, ки мардуми дунё ҳамдигарро бо ибораи зебои тоҷикии "Наврӯз муборак" таҳният мегӯянд.

Имрӯз мо бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорем, ки ба шарофати истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон Наврӯз – ин ойини худро эҳё кардем ва барои рушди минбаъдаи русуми наврӯзӣ заминаи мусоид муҳайё намудем.

Воқеан, Наврӯзи имсола дар кишвари мо дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги сисолагии истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамон таҷлил мегардад, яъне баҳори имсола – баҳори истиқлол ва Наврӯзи он Наврӯзи истиқлол мебошад.

Бинобар ин, ҳамаи мо бояд корҳои ободониву бунёдкориро барои истиқболи арзандаи ин ҷашни муқаддас вусъат бахшем, иҷрои нияту нақшаҳои созандаамонро таъмин намоем ва шаҳру ноҳияҳои кишварро боз ҳам обод созем.

Дар ин самт, хусусан, соҳибкорони ватандӯст ва дигар шахсони саховатпеша бояд боз ҳам аз пеш саҳм гузоранд, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд намоянд, иқтидори иқтисодии мамлакатро тақвият бахшанд ва барои ҳамватанонамон ҳарчи зиёдтар ҷойи корӣ таъсис диҳанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ва бо дастгирии соҳибкорони бонангу номуси мо танҳо дар ҳафт соли охир дар кишвар беш аз як миллион ҷойи корӣ таъсис дода шуда, шумораи шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 60 фоиз коҳиш ёфт.

Мо бояд минбаъд низ амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии кишвар, рушди соҳаи кишоварзӣ ва муҳайё кардани ҷойҳои нави кориро вусъат дода, бо ҳамин роҳ шиддати муҳоҷирати меҳнатиро паст намоем.

Дар ин раванд, зарур аст, ки фаъолияти марказҳои таълими калонсолон куллан беҳтар карда, шумораи ҳарчи бештари сокинони мамлакат ба омӯхтани касбу ҳунар фаро гирифта шаванд.

Аз замонҳои қадим дар байни мардуми мо таомуле роиҷ буд, ки тибқи он Наврӯзро бо сару либоси идонаи миллӣ, хонаву кошонаи тозаву озода ва маҳаллу деҳоти ободу ороста истиқбол мегирифтанд.

Бовар дорам, ки ин анъанаи нек дар байни мардуми мо, махсусан, соли ҷорӣ, яъне соли воқеан таърихии сиюмин солгарди истиқлолу озодии Ватанамон густариши боз ҳам бештар пайдо мекунад.

Ҳамчунин, бо эътимоди комил изҳор менамоям, ки кишоварзони шуҳратманди мамлакат ҳар рӯзи баҳорро самаранок истифода карда, барои ҳосили фаровони зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ заминаи устувор мегузоранд.

Хотирнишон месозам, ки баҳор фасли зудгузар мебошад.

Тибқи пешгӯии созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ соли 2021 барои мардуми сайёра яке аз солҳои вазнинтарин ва ҳатто ҳалокатбор хоҳад буд.

Дар чунин шароит мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзоиш диҳем ва нагузорем, ки мардуми мо аз лиҳози таъминот бо маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд ва муҳтоҷи дигарон шаванд.

Ман ба кишоварзон ва ҳамаи онҳое, ки дар ихтиёри худ як ваҷаб замин доранд, муроҷиат карда, даъват менамоям, ки бо истифода аз боду ҳавои мусоиди баҳорӣ кишти зироатҳоро сари вақт анҷом диҳанд, аз як замин ду – се ҳосил рӯёнанд ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро зиёд намоянд.

Дар ин самт, зарур аст, ки барои бо маводи ғизоӣ боз ҳам беҳтар таъмин намудани ҳар як оила заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ низ самаранок истифода карда шаванд.

Хусусан имсол, ки таъсири пандемияи коронавирус, буҳрони шадиди иқтисодиву молиявӣ ва натиҷаи манфии он – болоравии нархҳо ва камчин гардидани маводи ғизоӣ ба тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла ба Тоҷикистони мо низ идома дорад, ҳар як сокини кишвар бояд ба ин масъала эътибори аввалиндараҷа диҳад.

Дар ин ҷода ба тамоми кишоварзони мамлакат, соҳибкорони бонангу номус ва кулли сокинони кишвари биҳиштосоямон барори кор ва муваффақият мехоҳам.

**Ҳамватанони азиз!**

Солҳои охир дар байни мардуми мо ба ҳукми анъана даромадааст, ки дар арафа ва айёми иду ҷашнҳо шахсони дорои имконияти мусоид ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоат ва дигар шахсони эҳтиёҷмандро дастгирӣ менамоянд ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ зоҳир мекунанд.

Дар робита ба ин, ба соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсоне, ки имконияту шароит доранд, хотирнишон менамоям, ки дар шабу рӯзҳои наврӯзӣ низ масъалаи расонидани кумаку дастгириро ба чунин шахсон фаромӯш насозанд.

Бо истифода аз фурсат, ба роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорону шахсони саховатпеша ва кулли мардуми сарбаланди кишвар як нуктаро такроран хотиррасон месозам: мову шумо ҳаргиз фаромӯш накунем, ки давлати соҳибихтиёр ва Ватани соҳибистиқлол дорем, яъне Ватан аз мост ва бояд бурду бохташ низ аз мост.

Пас, биёед, ҳама муттаҳиду сарҷамъона заҳмат кашем, мушкилоти иҷтимоии халқамонро бартараф намоем, сатҳу сифати зиндагии мардумамонро баланд бардорем, Ватани маҳбубамонро обод кунем ва обрӯи Тоҷикистони азизамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳким бахшем.

Бори дигар тамоми мардуми шарифи кишварро ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан ва ҳамватанони бурунмарзӣ тандурустӣ, комёбӣ, бахту саодат, файзу баракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидона ва пешрафту дастовардҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

Наврӯз шукуҳи Оли Сомон дорад,
Маншаъ зи асолати ниёгон дорад.



# ИШТИРОКИ ФАЪОЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶ ДАР ОЗМУН

Донишҷӯёни МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А." дар озмуни кушод аз фанҳои дақиқ байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", (солҳои 2020-2040), ки санаи 12 марти соли 2021 дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ баргузор гардид бомуваффақият иштирок намуданд. Дар озмун донишҷӯи бахши 1-уми факултети кори фарматсевтӣ Одинаев Раҷабалӣ Ҷумахонович ҷойи дуюмро аз фанни физика ишғол намуда, бо диплом ва медали озмун ва Ҷурахонзода Шодӣ Амирхон, донишҷӯи бахши 1-уми факултети номбурда барои иштироки фаъолона бо ифтихорномаи озмун сарфароз гардонида шуданд.



"Дармонбахш"



АКС АЗ ЧОРАБИНИИ ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР

## 22 МАРТ – РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ

# ОБ – ИН ҲАЁТ АСТ

**Гулдаста ЭШБОЕВА**
**донишҷӯи курси 1, кори момоии КТК**



Ҳар сол 22 март дар бисёр давлатҳои ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои обӣ, ё худ рӯзи умумиҷаҳонии об ҷашн гирифта мешавад. Ин рӯз бо карори Ассамблеяи Генералии СММ бо резолютсияи 47/193 аз 22 декабри соли 1992 барқарор карда шуд.

Идеяи гузаронидани Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои обӣ бори аввал дар Конференсияи СММ оиб ба муҳофизат ва инкишофи муҳити зист, ки 3-14 июни соли 1992 дар Рио-де-Жанейро (Бразилия) доир гашта буд садо дод. Дар Россия ин рӯз бори аввал соли 1995 бо шиори «Об – ин ҳаёт аст» ҷашн гирифта шуда буд. Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои обӣ диққати асосӣ даъват ва ҷалби ҷомеа ба ҳолати объектҳои обӣ ва мушкилоти онҳо, алоқамандии онҳо ба барқароркунӣ ва муҳофизати онҳо, андеша оид ба нақши об дар ҳаёти ҳар як инсон дар рӯи Замин, таваҷҷӯҳ ва диққат ба мушкилоти нарасидани оби нӯшокӣ, муҳофизати зарурӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, қабули чораҳои зарурӣ барои ҳалли мушкилоти таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ мебошад.

**Муҳаммадҷони АБДУСАТТОР,**
**донишҷӯи курси 2, кори ҳамширагии КТК**



Манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам об аст. Об захираи бузургест, ки он ҷаҳону зиндагиро зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хоса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об, вобастагӣ дорад. Барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯй, сохтани манзил, тозагии кӯчаҳо, обёрии заминҳо инсон обро истифода мебарад. Инчунин, одам бо роҳҳои обӣ завраку киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Оби шаршарадор турбинаҳоро ба ҳаракат дароварда, чароғи электрикӣ ҳосил мекунад. Бо қувваи оби зиёд чархи санги осиёб, дастакҳои обчувоз ҳаракат мекунанд. Кори ягон соҳаи саноат бе об пеш намеравад.

**Манижа БОБОЗОДА,**
**донишҷӯи курси 1, кори момоии КТК**



Маълум, ки 70% қабати болоии замин бо об пӯшонида шудааст, лекин, тахминан аз 1,4 миллиард километри квадрати об – 97,5% аз оби шӯр буда, танҳо 2,5%-и аз ҳаҷми умумӣ ба сатҳи оби ширин рост меояд (дарёҳо, ҷашмаҳо, кӯлҳо, ботлоқҳо). Тахминан аз 35 миллион километри квадратии обҳои ширин қисмати калонашон – 24,4 миллион километри квадратиашон дар пиряххо, яххо, яхбас=таҳои якумрӣ банд ҳастанд. 10,7 миллион километри квадратиаш бошад дар зери замин пинҳон аст. Ҳаҷи дарёҳои рӯи Замин бошад ҳамагӣ 0,002 миллион киллометри квадаратӣ оби ширин ё худ 0,01% аз ҳамаи захираҳои он дар ҳамаи шаклҳои он аст.

Сарчашмаи асосии ҳамаи обҳои ширин – укёнусҳоянд, ки ҳар сол аз онҳо 500 ҳазор километри квадратӣ (72 ҳазор - бо сатҳи обии болоии хушкӣ) - обҳо буғ мешаванд. 80% ҳамаи боронгариҳо бозпас ба укёнусҳо меразанд.

**Нигора ИСМОНЗОДА**
**донишҷӯи курси 1, кори момоии КТК**



Инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Зиёда аз 60-70 фоизи организми инсон аз об иборат аст. Инсон дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёташ аз об истифода мебарад. Об одамро аз ифлосию нопокӣ, аз бемориву дардҳо эмин мегардонад. Ягон растанӣ ва гулу гиёҳ бе намӣ намерӯяд, ки манбаи асосии намӣ бошад аз об аст. Об сабзавоту наботот ба ҳайвонотро, ки инсон ҳамеша бо онҳо сару кор дорад, манбаи асосист. Дар фабрикаву заводҳо обро барои тайёр кардани маҳлули рангҳо, оҳар додани матоъ, коркарди пӯст, тайёр кардани коғаз, собун, нонпазӣ, нӯшокиҳои гуногун истифода мебаранд.

Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт дониста мешавад. Чор унсур дар ҳаёт муқаддасанд: об, хок, оташ, бод, ки тамоми мавҷудоти олам ба онҳо эҳтиёҷ доранд. Мо, тоҷикистониён аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд ҳамеша бифахрем. Тоҷикистон аз захираи об бой буда, қариб 7000 пиряхи, 155 кулҳои гуногунҳаҷм, даҳҳо ҳазор чашмаоби одию маъданӣ ва обанборҳои зиёд дорад. Ин маъхази бузург, ки одамро асос аст, об аст. Бе об зиндагӣ пойдор буда наметавонад.

**Марҷона КАРИМОВА,**
**донишҷӯи курси 1, кори фармасевтии КТК**



Захираҳои обҳои ширин дар рӯи Замин нобаробар тақсим мешаванд. 85% аҳолии кураи замин – сокинони қисмати бартаридоштаи хушкии саёраанд.

Захираи ҷаҳонии обҳои ширин зиёд намешаванд, вале истеъмоли он бошад доимо зиёд мешавад.

Дар асри XX аҳолии Кураи замин се баробар зиёд шуд. Дар ин давра истеъмоли оби ширин бошад ҳафт баробар афзуд, аз ҷумла дар самти коммуналӣ-оби нӯшокии лозимӣ – 13 баробар афзуд.

Хароҷоти об, ки равона аст барои оберӣ ва заруратӣ саноати хӯрокворӣ, яке аз ҳама борҳои вазнин ба души захираҳои оби ширин бор аст. Зиёда аз 70% ҳамаи обҳо дар хоҷагии қишлоқ истифода мешаванд (то 90% дар кишварҳои иқтисоди бозоргонӣ ташкилёфта истода)

Ба андешаи коршиносон то ба соли 2030 қариб нисфи аҳолии ҷаҳон метавонанд ба нарасидани оби нӯшокӣ рӯ ба рӯ шаванд. Талабот ба об метавонад захираи онро то ба 40% оварда расонад. Аз ҷиҳати захираи обҳои ширин дар дунё кишвари Бразилия дар ҷои аввал ва Федератсияи Россия бошад ҷои дуюмро ишғол карда меояд.

**Кароматулло ҲАЙДАРОВ,**
**омӯзгори фанни забони англисӣ КТК**



Дар замони ҳозира зиёда аз ду миллиард одамон ба оби бехатар дастраси надоранд, ва ҳоҷагиҳои хонагӣ, мактабҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳои фермерӣ ва фабрикаҳои онҳо бошанд барои зинда мондан ва гулгулшукуфӣ мубориза бурда истодаанд.

Занон, кӯдакон, гурезаҳо, аҳолии таҳҷой, одамони имкониаташон маҳдуд ва боз бисёр дигарон дар ҳолати кушиши дастрас кардани оби зарури ширин ва имконияти истифодаи он бештари ҳолатҳо ҳуқуқҳояшон поймол карда мешаванд .

Мувофиқи баҳои СММ, қариб 159 миллион одамон барои ҷамъоварии оби нӯшокӣ аз болооби сарчашмаҳо, мисол ҷӯю дарёҳо истифода мекунанд. Дар чоряки мактабҳои ибтидоии тамоми дунё системаи таъминии оби нӯшокӣ мавҷуд нест ва мактаббачагон обро аз сарчашмаҳои ғайримуҳофизати истифода мекунанд, ё худ имконияти шикастани ташнагии худро надоранд.

**Тоҳир ТУМАНОВ,**
**директор Маркази вилоятии ҳифзи аҳолӣ аз беморӣ сил №2, шаҳри Кӯлоб**



Зиёда аз 700 кӯдак дар сину соли аз панҷола хурдтар ҳар рӯз дар дунё аз дарунравӣ мефавтанд, ки ин алоқамандӣ доранд ба истеъмоли оби ғайрисанитарӣ ва ё дар ҳолати ғайритоза карор дошта. Зиёда аз 68,5 миллион одамон барои мушкил будан дастраси ба системаи таъминоти оби нӯшокӣ маҷбур буданд хонаҳои худро тарк кунанд,

Модоме, ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, сазгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки ноҳалафе ин муъҷизоти бузургро ифлос гардонад, зеро: Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок, Набояд фикандан дар он сангу хок.

«Дармонбахш»

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ҲАМИ ХАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР

Санаи 5 марти соли 2021 дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” бахшида ба Рӯзи модар ҷамъомади тантанавӣ доир гардид. Дар ҷамъомад донишҷӯёну омӯзгорон ширкат намуда, аз тарафи донишҷӯён дар васфи зан – модар шеъру суруду таронаҳо ва маърӯзаҳо шунида шуданд. Ба чорабинии мазкур занони собиқадори меҳнати шаҳри Кӯлоб, аз ҷумла Саъбагул Валиева – корманди масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб, Сайлонбӣ Тағоева– сармутахассиси Маркази вилоятии беморхонаи наркологӣ дар минтақаи Кӯлоб, Фарида Назирова – собиқ омӯзгори фанни бемориҳои кӯдаконаи коллеҷ даъват гардида буданд. Меҳмонон аз таҷрибаи зиндагиашон барои тарбияи ҷавонон бо суханҳои тарбиятомӯз дар васфи зан - модар баромад намуданд. Дар ҷамъомад як қатор занон – омӯзгорони собиқадору фаъоли Коллеҷ барои фаъолияти пурсамар дар ҷодаи таълиму тарбияи ҷавонон ва омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

**“Дармонбахш”**

# ЗИҲӢ МОДАР!



Модар ба қавли бузургон бо як дасташ гавҳора ва бо дасти дигараш дунёро такон медиҳад. Пайдост, ки орифону фозилон, косибону олимон парвардаи боғи муаттари дунёи ҳавасҳои модаранд. Тавоноии модар касро зинату самар, симу зар, болу пар ва шаҳду армон мебахшад. Такя бар вуҷуди ҷаҳону инсонофарини модар такя бар яздони пок аст. Модар ҷаннати Парвардигор дар рӯи замин аст. Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борондагӣ аз абр, равшанӣ аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳонӣ аз андалебро қатра-қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад. Ҳолатҳое мешаванд, ки дар дарёи пуршӯри ҷавонӣ ва ишқу ҳавас заврақ меронему модарро ба он ҳама меҳру муҳаббаташ ба коми фаромушӣ месупорем ва гоҳҳо носипосиҳоеро баҳраш раво медорем. Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки худ месӯзад ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистоне мекунад.

Дасти дуои модар ва суханони самимонааш роҳи зиндагии фарзандро рӯшан мекунад. Орзуву таманниёташ ибтидои хубиву оғози муваффақиятҳост. Модар чун дарахти пурсамарест, ки фарзандони парвардааш чун меваҳои ширин ба камол мерасанд. Дар ҳақи модар чӣ қадар сухан гӯем кам аст. Модарон хеле бузурганд! Бузургии модарон дар он аст, ки бузургтар ин неъмати дунё - фарзандро ба дунё меоранд. Модар, ба чунин қудрату матонат, эҳсону ҷасорат ва меҳру садоқати беканор, ки бузургони олам дар пешат сар фуруд меоранд. Зиҳӣ Модар!

**Кароматулло ҲАЙДАРОВ,
омӯзгори фанни забони англисӣ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.»**

# ОЗМУНИ “БЕҲТАРИН МОМОДОЯ”



Башида ба Рӯзи модар санаи 5 марти соли 2021 дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” озмуни “Беҳтарин момодоя”, баргузор гардид. Дар озмуни мазкур ду гурӯҳи донишҷӯдухтарони факултети кори момодоягии коллеҷ ширкат намуданд. Озмун аз бандҳои зерин иборат буд: саломнома ба ҳакамон ва муарифии гурӯҳ, саволу ҷавоб, иҷроиши малакаҳои амалии момодоягӣ, саҳнача бо ҳалли масъалаи вазъиятӣ аз таҷрибаи кори момодоягӣ. Ҳарду гурӯҳ бандҳои озмунро бо як маҳорати хоса иҷро намуданд. Аъзои ҳакамон фаъолнокии намояндагони гурӯҳҳои рақобаткунандаро ба инобат гирифта, натиҷаи озмунро мусовӣ эълон намуд. Дар охир аъзоёни фаъоли озмун бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

**“Дармонбахш”**

***ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ»

## ДАР КОЛЛЕҶ АЗ РӮЙИ 7 ИХТИСОС МУТАХАССИСОН ОМОДА КАРДА МЕШАВАНД



**ТАВСИФОТИ МУХТАСАРИ ИХТИСОСҲОИ КОЛЛЕҶ:**

**1. ИХТИСОСИ “КОРИ МОМОДОЯГӢ”**

Ба хатмкунандагони ин пеша ихтисоси “Момодоя” дода мешавад ва онҳо барои расонидани ёрии тиббӣ-профилактикӣ ба ҳомиладорон ва беморони гинекологӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ дар мавриди бемориҳои шадид ва ҳодисаҳои нохуш омода ҳастанд. Инчунин онҳо иҷозати дар муассисаҳои тиббии шаҳрӣ, ноҳияву деҳотии гинекологӣ (таваллудхонаҳо, марказҳои солимии наслофарӣ ва танзими оила), марказҳо ва бунгоҳҳои саломатӣ иҷозати фаолият карданро доранд.

**2.ИХТИСОСИ “КОРИ ТАБОБАТӢ”**

Ба хатмкунандагони мазкур тахассуси “Ҳамшираи тиббии оилавӣ (амалияи умумӣ)”дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ- санитарӣ бо мақсади ҳифзи солимӣ ва мустаҳкам намудани он дар шахсони алоҳида (оилаҳо) тайёр карда мешаванд. Мутахассисони ин пеша дар муассисаҳои КАТС (Марказҳои саломатии) шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳотӣ метавонанд фаъолият намоянд.

**3.ИХТИСОСИ “ КОРИ ҲАМШИРАГӢ”**

Ба хатмкунандагони ин гурӯҳ тахассуси “Ҳамшираи (бародари) тиббӣ” дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар муассисаҳои муолиҷавӣ – профилактикӣ ва ёрии аввалияи тиббӣ - санитарӣ, тайёр карда мешаванд.

**4.ИХТИСОСИ “КОРИ ТИББИЮ-ПРОФИЛАКТИКӢ”.**

Ба хатмкунандагони ин гуруҳ ихтисоси “Ёрдамчии табиби гигиенист, эпидемиолог ва санитарӣ” дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар муассисаҳои санитарӣ – профилактикӣ ва эпидемиологӣ, хадамотҳои беҳдошти беҳдорӣ (санитарӣ), тайёр карда мешаванд.

**5. ИХТИСОСИ “КОРИ ФАРМАТСЕВТӢ”**

Ба хатмкунандагони пешаи мазкур ихтисоси “Ёрдамчии фарматсевт” дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар дорухонаҳои давлативу хусусӣ, озмоишгоҳҳои санҷиши таҳлилӣ ва муассисаҳои саноатии дорусозӣ, тайёр карда мешаванд.

**6. ИХТИСОСИ “КОРИ ДАНДОНСОЗӢ”**

Ба хатмкунандагони ин гурӯҳ ихтисоси “Техники дандон” дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар устохонаҳои (лабораторияҳои) дандонсозии муассисаҳои даҳонпизишкӣ, дандонпизишкӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ-профилактикии (марказҳои саломатии) давлатӣ ва хусусӣ тайёр карда мешаванд.

**7. ИХТИСОСИ “КОРИ ТИББИЮ – ТАШХИСӢ”**

Ба хатмкунандагони ин пеша тахассуси “Лаборант” дода мешавад ва онҳо барои фаъолият дар озмоишгоҳҳои муолиҷавӣ –профилактикии шаклу сатҳашон гуногун, дар пажӯҳишгоҳҳои тиббӣ ва кимиёии гуногун ва дигар муассисаҳо, баҳри гузаронидани намудҳои гуногуни таҳқиқотҳои озмоишгоҳӣ тайёр карда мешаванд.

***ҶАДВАЛИ ИХТИСОСҲО ДАР МДТ “КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА Р.А.”БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2021-2022***

| № | Рамз ва номи ихтисос | Шакли таҳсил | Муҳлати таҳсил | Намуди таҳсил (маблағ бо сомонӣ) | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2790103- Кори тиббию профилактикӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | ройгон | тоҷикӣ |
| 2 | 2790103- Кори тиббию профилактикӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (2000) | тоҷикӣ |
| 3 | 2790133- Кори дандонсозӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (3700) | тоҷикӣ |
| 4 | 2790104- Кори тиббию ташхисӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | Ройгон | тоҷикӣ |
| 5 | 2790104- Кори тиббию ташхисӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (2000) | тоҷикӣ |
| 6 | 2790101- Кори момодоягӣ | рӯзона | 3 солу 10 моҳ | ройгон | тоҷикӣ |
| 7 | 2790101- Кори момодоягӣ | рӯзона | 3 солу 10 моҳ | пулакӣ (2240) | тоҷикӣ |
| 8 | 2790102- Кори табобатӣ | рӯзона | 3 солу 10 моҳ | ройгон | тоҷикӣ |
| 9 | 2790102- Кори табобатӣ | рӯзона | 3 солу 10 моҳ | пулакӣ (2240) | тоҷикӣ |
| 10 | 2790108- Кори фарматсевтӣ | рӯзона | 2 солу 10моҳ | пулакӣ (3600) | тоҷикӣ |
| 11 | 2790108- Кори фарматсевтӣ | шабона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (3600) | тоҷикӣ |
| 12 | 2790131- Кори ҳамширагӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | ройгон | тоҷикӣ |
| 13 | 2790131- Кори ҳамширагӣ | рӯзона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (2000) | тоҷикӣ |
| 14 | 2790131- Кори ҳамширагӣ | шабона | 2 солу 10 моҳ | пулакӣ (2000) | тоҷикӣ |

**ЭЪЗОҲ: Нархномаи шартнома, дар давоми соли таҳсил метавонад тағйир ёбад.**

**735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов– 7, +992 (8-33-22) 2-35-18, 2-35-21, Факс 2-55-41
E-mail:medcollkulob1953@mail.ru; www.medcollkulob.tj**

# ТАШРИФИ МЕҲМОНОН БА КОЛЛЕҶИ ТИББӢ



Дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 20 март, дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” бо иштироки раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода ва Ёрдамчии Президенти мамлакат оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода парда аз рӯйи лавҳаи фахрӣ ба ифтихори профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз бардошта шуд. Дар коллеҷи тиббӣ осорхонаи профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва кабинети таълимии фанни асабшиносӣ (неврология) мавриди истифода қарор дода шуд. Дар осорхона таҷҳизот, аз кабинети кории профессор Раҳмонзода Р.А., ки барои муоинаи беморон истифода бурда мешуданд, ҳамчун хотира аз фаъолияти кории ӯ ҷамъоварӣ карда шудаанд. Ҳамчунин, адабиётҳои илмию таълимии аз тарафи устод ба чоп расонидашуда, дигар дастовардҳои илмию таълимӣ, аксҳои хотиравӣ аз иштирок дар чорабиниҳои илмии байналмилалӣ, шаҳодатномаҳо, дипломҳо ва ифтихорномаҳо ҷамъовари гардида дар гӯшаҳои алоҳида гузошта шудаанд. Кабинети фанни асабшиносӣ бо таҷҳизоти зарурии таълимӣ, аз ҷумла мизу курсӣ, тахтаи электронӣ, компютеру проектор ва гӯшаи китобҳои фанни неврология муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар кабинети мазкур омӯзиши фанни асабшиносӣ ба донишҷӯён ба роҳ монда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки кабинети таълимии мазкур бо дастгирии молиявии фарзандони марҳум профессор Раҳмонзода Р.А. ташкил карда шудааст.

Дар коллеҷ инчунин китобхонаи нав бо дороии 18 ҳазору 773 адад китоб, толори хониш ва синфхонаи электронӣ бо зиёда аз 10 ҳазор адабиёти электронӣ ифтитоҳ карда шуд. Китобхона бо 10 адад компютерҳо, дастгоҳи чопӣ ва хатти баландсуръати интернетӣ пайваст буда, барои дарсхонии донишҷӯён хеле мусоид мебошад. Шумораи адабиётҳои таълимии чопӣ ва электронӣ дар оянда ҳам ғанӣ гардонида хоҳад шуд. Дар ҳамин рӯз дар коллеҷ вохӯрии меҳмонон бо кормандону омӯзгорон ва донишҷӯён барпо гардид. Зимни суханронӣ раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода аз лаҳзаҳои шиносоӣ бо профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва фаъолияти илмию табобатии ӯ ёдоварӣ намуданд. Қурбон Ҳакимзода дастовардҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро дар вилояти Хатлон ба иштирокчиёни маҷлис хотирррасон намуда, таъкид намуданд, ки бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манотиқи вилоят боз даҳҳо иншооти соҳа ба истифода дода мешаванд. Ҳамчунин қайд карда шуд, ки соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар вилоят зери дастгириҳои ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушд намуда истодааст. Роҳбари вилоят аз омӯзгорону донишҷӯён таъкид ба ҷо оварданд, ки ҳамқадами замон ва баҳри солимии ҷомеа ва рушди кишварамон бештар саҳмгузор бошанд. Қайд карда шуд, ки таъсиси стипендияи ба номи профессор Раҳмонзода Р.А., ки аз тарафи фарзандонаш ба панҷ нафар донишҷӯёни фаъол дода мешавад боиси ҳавасманд гаштани донишҷӯён ба касби интихобнамудаашон хоҳад гашт. Қурбон Ҳакимзода дар охири суханронии Тоҷикистон табрик гуфта, ба онҳо дар фаъолияташон бурдбориҳо таманно намуданд. Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳамчунин аз пешрафти кишварамон, бахусус соҳаҳои маориф ва тандурустию ҳифзи иҷтимоӣ ёдовар гашта, аз донишҷӯёну омӯзгорон таъкид ба ҷо оварданд, ки софдилона меҳнат намоянд. Қайд карда шуд, ки ба истиқболи 30 солагии Истиқлолияти давлатӣ танҳо дар шаҳри Кӯлоб беш аз 700 иншооти ҷашнӣ ба истифода дода мешаванд, ки баҳри фароҳам овардани ҷойҳои кории холӣ ва беҳтар гаштани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат хоҳанд намуд.



...ниашон қайд намуданд, ки муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва маорифро чун ҳамешагӣ дастгирӣ хоҳанд намуд ва ба аҳли кормандону донишҷӯёни коллеҷ дар фаъолияташон муваффақиятҳо таманно намуд.

Ёрдамчии Президенти мамлакат оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода суханронӣ намуда, ба аҳли кормандони коллеҷи тиббӣ барои заҳматҳояшон дар рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ арзи сипос намуд. Абдуҷаббор Раҳмонзода аҳли коллективи омӯзгорон ва донишҷӯёнро бо фарорасии наврӯзи ҷаҳонӣ ва 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳу-

Дар охири ҷаласа директори Коллеҷ Азиззода Зубайдулло баромад намуда, ба меҳмонон барои ташрифашон ба муассиса изҳори сипос намуд. Ӯ иброз намуд, ки ташкили чунин сӯҳбати гарм аҳли омӯзгоронро барои кору фаъолият рӯҳбаланд месозад. Мо аҳли омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ дар оянда низ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки баҳри беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ боз ҳам беҳтару хубтар кору фаъолият намоем.

**“Дармонбахш”**









## НАВРӮЗ ОМАД!

Ҷашни Наврӯз аз зумраи идҳое мебошад, ки онро мардуми тоҷик бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил менамояд. Наврӯз маънии“ рӯзи нав”-ро дошта, дар ибтидои соли нави хуршедӣ таҷлил мегардад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанину зиндашавии табиат, оғози киштту кор ва айёми баробаршавии шабу рӯз аст. Ҷашни Наврӯз аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ эътироф гардида, ҷашни байналмилалӣ эълон шудааст. Ин иди ниёгонӣ дорои хусусияту фарҳанги махсус буда, дар ҳар гӯшаи ҷумҳурӣ бо оростани дастурхони идона истиқбол гирифта мешавад. Наврӯз аз фарҳангу маданияти гузаштагонамон дарак медиҳад. Бо омадани Наврӯз деҳқон ба кишту кор оғоз мекунад. Дар даврони истиқлолият наврӯз бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад ва суннатҳои милливу бостонии мо, ки дар вуҷудамон нуҳуфтааст, аз нав эҳё мегардад. Ин як эҳтиром ба фарҳангу тамаддуни миллат ва ба забону ҳастии миллат аст. Наврӯз айёми дурӣ ҷустан аз кинаву ҳасад, кудурату душманист. Наврӯз рамзи ваҳдати инсонияти асил аст. Наврӯз айёмест, ки пиру барно бо ҳам меоянд, шодию хурсандӣ мекунанд ва аз гузаштагон ёд менамоянду пайвандии худро бо табиат баён месозанд.

Наврӯз ба тамоми мардуми Тоҷикистони азиз муборак бошад!









## МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:

**1. ГУЛБАҲОРИ СОҲИБНАЗАР, 01.03.1995,** муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;

**2. ТАЛАБОВА МОҲИРА НЕЪМАТУЛЛОЕВНА, 01.03.1976,** муаллимаи фанни анатомия ва физиология;

**3. НАЗАРЗОДА ГУЛҶАМОЛ, 02.03.1963,** муаллимаи фанни бемориҳои дандон;

**4. ЕРМАДОВА МАЙСАРА, 02.03.1978,** муаллимаи фанни биология

**5. ХОЛМАДОВА МУНИРА, 02.03.1982,** муаллимаи фанни забони англисӣ;

**6. САБУРОВА МАВЛОНБӢ, 03.03.1964,** лаборант;

**7. ХОЛМАДОВА ЛАТОФАТ НУРАЛИЕВНА, 03.03.1985,** муаллимаи фанни тибби оилавӣ;

**8. ШАРИПОВА ЛАТОФАТ АЛИХОНОВНА, 08.03.1979,** муаллимаи фанни химия ва биология;

**9. СИТАМОВА МУАЗЗАМА САЪДУЛЛОЕВНА, 18.03.1973,** муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;

**10. РАҶАБОВ НАЗИРМАД, 20.03.1946,** муаллими фанни фармакология;

**11. ЛУТФИЯИ САРФАРОЗ, 23.03.1995,** муаллимаи фанни асосҳои кори ҳамширагӣ;

**12. АБДУАЛИМОВ ЁҚУБҶОН, 31.03.1993,** муаллими фанни кори ҳамширагӣ ҷарроҳия;

**13. БЕКМАТОВА МАВҶУДА, 31.03.1982,** муаллимаи фанни биология;

ки дар моҳи март ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:

**Забони ҳақ шиори
безабон бошед,
Нишони ворисони
бенишон бошед.
Аламбардори рӯҳи
сарбадорон,
Бақоҷӯи дуои модарон
бошед.
Азизони мо, азизи сад ҷаҳон
бошед.
Орзумандем, ки шоҳбайти
ғазал бошед,
Ба хони зиндагонӣ беҳтар
аз қанду асал бошед.**

Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**